# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи "Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Дар шароити кунунии ислоҳоти соҳаи маориф таҳсилоти калонсолон беш аз пеш аҳамияти муҳимми амалӣ пайдо карда, нақши таҳсилоти калонсолон дар ибтидои асри нав дар саросари кишварҳои ҷаҳон нисбати воридшавии таълимгирандагон ба фазои таълиму омӯзиш ва дарки амиқи фаъолнокии равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала гувоҳӣ медиҳад, ки дар низоми такмили ихтисоси муаллимон дигаргуниҳои ба назар намоён ба амал меоянд: мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди такмили ихтисос тағйир меёбанд. Муҳаққиқон бо дарназардошти зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими калонсолон фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика нишон дода, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод мекунанд.

Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия хел дуруст таъкид мекунанд, ки таърихи ташаккул ва инкишофи таълими инсон ҳамчун як соҳаи мустақил нишон медиҳад, ки омӯзиш бояд пайваста ва муттасил бошад. Азбаски ҳайати кадрҳои корхонаю муассисаҳо аксаран одамони калонсол мебошанд, омӯзиш бояд бо назардошти синну сол, ҷанбаҳои иҷтимоию психологӣ, миллӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо ба роҳ монда шавад. Андрагогика ҳамчун як қисми илми педагогикаи муосир ба ин мақсад нигаронида шуда, масъалаҳои назариявию амалии таълим, омӯзиш ва тарбияи насли калонсолро дар тӯли тамоми умр дар бар мегирад. Андрагогика ба рушди шахсият мусоидат карда, барои пайдо кардани мавқеи вай дар ҳаёт, дарк намудани дониш ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ ёрӣ мерасонад.

Маълум аст, ки маҳз аз ҳамин хотир, дар нимаи дуюми асри XX дар соҳаи таълими калонсолон ҳамчун талаботи нави таҳсилот ташаккул

ёфта, илми нав – андрагогикаро ба миён овард, ки имрӯз босуръат рушду нумӯъ дорад. Асосҳои андрагогӣ ва усулҳои технологии ТК дар марҳилаи таҳаввул ва ташаккул қарор доштa, ба тамоми соҳаи маориф нақши мусбии худро мегузорад.

Бояд зикр карда, ки бо мулоҳизаҳои унвонҷӯ Сафарзода Мунинр дар бораи он ки андрагогика пайдоиши низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ ва мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст, розӣ шудан мумкин аст. Зеро асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он натанҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор наёфтааст. Аз ин лиҳоз, гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии мавзуи андаргогика муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи Сафарзода Мунирро собит месозад.

Дар маҷмуъ, ҷамъи мулоҳизаҳои дар боло зикршуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Мунирро собит карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур далолат мекунад, ки ба назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити муосир нигаронида шудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 18.02.2023, №1/1).

Дар хулосаи кафедра ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ммӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ҷониби муаллифи таҳқиқот давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян ва сохтори хронологии он таҳия гардидааст, механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми

такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст, амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шудааст, дар асоси ғояҳои назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли озмоиш санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидаанд, дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ аз он далолат мекунанд, ки дар амалия хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард гарддида, маҷмӯи мафҳумҳое, ки мазмуни андрагогиро тавсиф мекунанд, ошкор гардида, масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ-антропологии иртибот ва муоширaт равшан карда шуда, амсилаи педагогии таълими калонсолон дар низоми такмили ихтисос санҷида ва дар таҷрибаи педагогии ин самти таҳсил роҳандозӣ гардидааст, илова ба ин, ҷанбаҳои дидактикии таълими ғайрирасмӣ дар низоми рушди касбии омӯзгор-андрогог, қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба сифати маводи амалӣ дар раванди таълими калонсолон дар тартиб додани барномаю дастурҳои таълимию методӣ кӯмак мерасонанд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла ба *банди 1.* - Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ, ба *банди 6.* - Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот ва ба *банди 7.* - Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар монографияҳо ва дастурҳои таълимӣ «Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ)», (2017), «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ», (2021), «Андрагогика: омили такмил додани инсон», (2016),

«Асосҳои технологияи таълими калонсолон», (2020), «Назария ва методикаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ», (2021), «Технологияи рушди таълими ғайрирасмӣ», (2017), « Ҷанбаҳои назариявии такмили ихтисоси кадрҳо ва андрагогика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», (2016), инчунин маърӯзаҳо дар конференсияҳои мухталифи илмӣ ва амалӣ, бахусус дар конференсияи ҷумҳуриявию байналмиллалӣ «Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», (Кӯлоб, 2018), «Ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ-омили муҳими баланд бардоштани сифати таълим» (Хуҷанд, 2018), «Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза» (Кӯлоб, 2019), «Илм ва технологияи асри XXI» (Кӯлоб, 2020), «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (Душанбе, 2020), «Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» тибқи назарияи фалсафӣ-антропологӣ ва коммуникатсионӣ» (Душанбе, 2020), «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» (Кӯлоб, 2021), «Нақш ва аҳамияти таълими фосилавӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ» (Кӯлоб, 2021) ва конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷараёни хондани курсҳои озмоишии муаллиф – «Андрагогика: моҳият ва мундарича» ва «Усулҳои таълими калонсолон» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мазуи “Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) **ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

в) **ба сифати муқарризони расмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Булбулов Ҷумъа - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва Ашурова Дилором - доктори илмҳои педагогӣ, доктори илмҳои педагогӣ, доценти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Г.Б. Мухаметов

Аъзои комиссияи экспертӣ:

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор С.Э. Негматов

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор С. Шербоев

02.12.2023

*“Имзои Г.Б. Мухаметов, С.Э. Негматов ва С.Шербоевро тасдиқ мекунам”*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ М. Саидова